# Конститутсия – рамзи олии истиқлоли кишвар

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 4 Ноябр, 2022 - 10:48
[1]

Рӯзи 3-юми ноябри соли 2022 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар таҳти унвони "Конститутсия – рамзи олии истиқлоли кишвар" бо иштироки судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илми ҳукукшиносӣ, дотсент Ҷамшедзода Ҷамшед Назаршо бо шукуҳу шаҳомат доир гардид.
Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доктори илми филология, профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзода дар оғози чорабинӣ суханронӣ намуда, ҳозиринро бо таҷлили 28-солагии Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику муборакбод намуданд. Аз ҷумла, иброз доштанд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин санади тақдирсозро ҳамчун ҳуҷҷати равшангари роҳи ҳаёти мардум арзёбӣ намудаанд, ки низоми давлатдориро муайян ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро таъмин мекунад.
Сипас, судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳукукшиносӣ, дотсент Ҷамшедзода Ҷамшед Назаршо суханронӣ намуда, доир ба таърихи ташаккул ва мазмуну моҳияти Конститутсия ва нақши он дар ташкили низоми мақомоти давлатӣ ва рушди идоракунии давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд ва мақому манзалати забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маърӯза намуд.
Ҳамзамон, дар рафти кори мизи мудаввар муовини раиси Кумита доктори илми филология, профессор Раҳматуллозода С. ва кормандони Кумита баромад намуда, нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар рушду ташаккули давлату ҷомеаи миллӣ ва соҳибистиқлоли мо муҳим арзёбӣ намуданд.
Дар фарҷоми мизи мудаввар аз тарафи раиси Кумита Муҳаммадҷонзода О. ба Ҷамшедзода Ҷ. Н. маҷаллаю китобҳои тозанашри Кумита дар фазои тантанавӣ ҳамчун туҳфаҳои хотирмон тақдим гардиданд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (3 овоз)

Rate

## Категория:

- Гузоришҳо [2]
- Ахбори рӯз [3]
- АМИТ «Ховар» [4]

[5]

- 

[6]

-

[7]

-

[8]

- 

[9]

-

**Манбаъ::**https://kumitaizabon.tj/tg/content/konstitutsiya-ramzi-olii-istikloli-kishvar?page=29

**Пайвандҳо**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/DSC02389.JPG [2] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B3%D1%83%D0%B7%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%88%D2%B3%D0%BE [3] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [4] https://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D0%BC%D0%B8%D1%82-%C2%AB%D1%85%D0%BE%D0%B2%D0%B0%D1%80%C2%BB [5] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/DSC02376.JPG [6] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/DSC02379.JPG [7] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/DSC02384.JPG [8] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/DSC02386.JPG [9] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/DSC02389.JPG